Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-050 дар назди
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимова Мунзифа Анваровна дар мавзуи "Коркарди технологияи маҳсулоти хӯрокии функсионалӣ аз растаиин лӯбиёгӣ" барон дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ**

Афзун намудани истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрока аз ҳисоби маҳсулотҳои бисёрфунксионалӣ, ки он ба яке аз ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ – амнияти озуқаворӣ саҳми худро мерасонад масъалаи актуадӣ ба ҳисоб меравад. Усули коркарди консентрат аз лӯбиё пешниҳод карда шуда, имконияти ғанӣ гардонидани таркиби маҳсулотҳои хӯрокаро фароҳам меоварад.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидаи **Раҳимова М. А.** муайян карда шудааст, ки ҳангоми ба муддиати 3 соат тар кардани донаҳо ва сабзонидани онҳо ба муддати 48 соат дар вақти истеҳсоли консентрат, донаҳои лӯбиё тезтар ба ҳолати пухта мерасад. Усули ба даст овардани консентрат аз ғалладонаро дар бар мегирад. Инчунин, он метавонад ҳамчун маҳсулоти нимтайёр дар истеҳсоли дигар маҳсулоти функсионалӣ истифода шавад.

Унвонҷӯ консентрати коркардшударо барои истеҳсоли нони қолиби таҳқиқ намуда муайян кардааст, ки иловаи бамеъёри консентрати лӯбиё ба сифати маҳсулот таъсири манфӣ намерасонад. Маҳсулоти тайёр соҳиби натиҷаҳои хуб аз рӯи нишондиҳандаҳои органолептикӣ ва физикӣ – химиявӣ гардида, бо баробари ин дорои арзиши биологӣ ва ғизогии баланд шуданд.

Эътимоднокии маълумотҳои ба дастовардашуда бо мувофиқони натиҷаҳои таҷрибавӣ бо назариявӣ ва инчунин нишондиҳандаҳои дар вақти гафтиши истеҳсолии натиҷаҳои асосии тадқиқот ба дастовардашуда тасдиқ мегардад.

Мавзуи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварии КОА мувофиқат мекунад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот дар равандҳои истеҳсоли консентрат аз лӯбиёгӣ, таълими донишҷӯёни ихтисосҳои роиҷи технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ, таҳқиқу пажӯҳиши корҳои илмии магистрантон ва унвонҷуён раб дода мешавад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 12 кори илмии муаллиф, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаву нашриёҳои мансуб ба феҳристи маҷаллаву нашриёҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда,

инчунин 1 нахустпатент ва 2 санади ҷорӣ намудани натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот гирифта шудааст.

Вобаста ба мазмуну мундариҷаи автореферат кори диссертатсионии Раҳимова Мунзифа Анваровна дар сатҳи лозимаи таҷрибавӣ ва назариявии илмӣ иҷро карда шудааст, ки ба ҳалли масъалаи ҳадафи сеюми стратегии ҷумҳурӣ – амнияти озуқаворӣ оид ба рушди истеҳсолоти маҳсулоти ғизоии босифат дар асоси ашёи хоми ватанӣ нигаронида шудааст. Натиҷаҳои асосии илмӣ ва хулосаи дар доираи пажуҳиш ба даст оварда шуда боэътимод буда, илман асоснок карда шудааст.

Ба сифати камбудӣ ва пешниҳод мумкин аст, чунин назарҳоро қайд намуд:

1. Аз автореферат нофаҳмо аст, ки Нақшаи технологии истеҳсоли нони гандумин бо истифодаи консентрати лӯбиё, ки дар саҳифаи 17 расми 5 оварда шудааст, чи бартарӣ аз технологияи анъанавӣ ё амалкунанда дорад.
2. Дар коркарди натиҷаҳои таҷрибавӣ кадом усул истифода карда шудааст?

Дар умум, аз рӯи мазмун ва мундариҷаи илмӣ, услуби навиштани автореферат кори диссертатисонии Раҳимова Мунзифа Анваровна дар мавзуи "Коркарди технологияи маҳсулоти хӯрокии функсионалӣ аз растании лӯбиёгӣ" дар сатҳи муносиби илмӣ иҷро карда шудааст ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадӣ мувофиқ мебошад. Муаллифи диссертатсия Раҳимова Мунзифа Анваровна барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ сазовор мебошад.

Муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев,
доктори илмҳои техникӣ, профессори
кафедраи фанҳои муҳандисӣ Аҳмадзода Баҳромҷон Раҷаб

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
736000, ш. Хорог, кучаи Ш.Шохтемур 109
Тел:992917345050
E-mail: ahmadov-b@mail.ru

Имзои Аҳмадзода Б.Р.-ро тасдиқ менамоям,
Сардори раёсти кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М. Назаршоев Саидрахмонов Н.С.